Ҳар кӣ худро ба қавме монанд бисозад, аз зумраи онон аст

Аз ибни Умар (Худованд аз он ду розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: "Ҳар кӣ худро ба қавме монанд бисозад, аз зумраи онон аст".

[Ҳасан] [رواه أبو داود وأحمد]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд, ки ҳар касе худро ба қавме аз кофирон, фосиқон ва ё солеҳон монанд кунад - бо анҷом додани амале, ки аз назари эътиқод, ибодат ё расму ойин хоси онҳост - пас ӯ яке аз онҳост. Зеро ташбеҳ кардан дар зоҳир ба онҳо, ба монанди онҳо будан дар ботин аст. Шакке нест, ки тақлид аз як қавм аз ҳавас бармеояд ва метавонад боиси дӯст доштан ва ситоишу майл кардан ба онҳо шавад, ҳамон гуна, ки метавонад инсонро ҳатто дар ботин ва ҳам дар ибодат ба монанд шудан ба онҳо водор созад. - Худо аз он нигоҳ дорад -.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/5353